**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025, ш. Душанбе, кӯч.Шевченко, 69, тел.: ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2217525

**ФАРМОИШ**

аз 27.04 с. 2018 № 390 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи «Тартиби таҳсилоти муттасили мутахассисони тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Бо мақсади мукаммалнамоии дониш ва малакаи мутахассисони тибби оилавӣ тавассути ворид намудани таҳсилоти муттасили тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи амалисозии «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 - 2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, № 368 тасдиқ шудааст, «Нақшаи стратегии рушди кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ аз рӯи принсипи тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020», мутобиқи банди 10 – и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, № 148 тасдиқ ғардидааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. «Тартиби таҳсилоти муттасили мутахассисони тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Сардорони раёсатҳои таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм (Миралиев С.Р.), ислоҳот, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳои байналмилалӣ (Маҳмудзода И.С.) ва Шӯъбаи ҳуқуқи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Рабиев Ш.М.), ректорони муассисаҳои давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (Гулзода М.Қ.) ва «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Муҳиддинов Н.Д.), директорони Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ» (Бандаев И.С.) ва Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ» (Ашуриён Ш.С.), менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Турсунзода (Тағоева Ф.М.) дар якҷоягӣ бо Лоиҳаи «Ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ» барои амалӣ намудани тартиби мазкур дар шаҳри Турсунзода ба таври таҷрибавӣ чораҳои заруриро андешанд.

3. Сардорони раёсатҳои таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм (Миралиев С.Р.), ислоҳот, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳои байналмилалӣ (Маҳмудзода И.С.) ва директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ» (Бандаев И.С.) бо назардошти натиҷаҳои санҷиши таҷрибавии тартиби таҳияшуда, таклифҳоро оид ба мукаммал ва ҷорӣ намудани он пешниҳод намоянд. Мӯҳлат то моҳи апрели соли 2019.

4. Ба инобат гирифта шавад, ки хароҷотҳои вобаста ба ворид намудани «Тартиби таҳсилоти муттасили мутахассисони тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Лоиҳаи Намояндагии Институти тропикӣ ва тандурустии ҷамъиятии Швейтсария дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегузорам.

Вазир Н. Олимзода

ДУРУСТ